**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзӯи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Таҳқиқу баррасиии вежагиҳои жунариву мавзуии насри даврони истиқлоли Тоҷикистон аз самтҳои муҳимми тадқиқоти адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дар замони муосир ба шумор меравад. Ривоҷи наср ва таълифоти дар ин давра ба қалам омада мавриди таҳқиқи адабиётшиносон, монанди Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдухолиқ Набавӣ, Носирҷон Салимӣ, Маҳмадюсуф Имомзода, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Мирзоюнус Матлуба, Шамсиддин Солеҳов, Замира Ӯлмасова ва дигарон қарор гирифтаанд.

Осори Сорбон, асосан, ба инъикоси ҳаёти имрӯзаи мардуми тоҷик, масоили таърихи гузашта, офариниши чеҳраҳои адабӣ бахшида шудааст, ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаро дорад. Ҳарчанд дар мақолаҳои ҷудогона ҷанбаҳои мухталиифи осори ӯ таҳқиқ шудаанд, аммо диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна, ки ба баррасии хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон бахшида шудааст, аз ҷумлаи аввалин пажуҳишоти комил роҷеъ ба насри давраи истиқлолии нависанда ба шумор меравад. Дар ин диссертатсия вежагиҳои осори ин нависандаи барҷаста мавриди гуфтугӯи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст. Дар канори ин, дар ин пажуҳиши ҷомеъ аввалин маротиба ба таври комил ва бонизом вежагиҳои осори Сорбон дар даврони истиқлол ба доираи баррасиҳои илмӣ ворид шудаанд.

Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ зерфасл, хулоса ва китобнома иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзӯи тадқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объект ва

сарчашмаҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, асосҳои методологии таҳқиқ, навоварии илмии таҳқиқ, арзиши назари ва амалии рисола ва ғайра бозгӯ шудаанд.

Боби якум "Вижагиҳои мавзӯӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол" унвон гирифта ва аз се фасл иборат мебошад.

Муаллиф дар ин бахши рисола, аввалан, оид ба нуктаҳои муҳимми мавзуъ – хусусиятҳои мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт, инъикоси ҳаёти ҳамзамонон, симои зани тоҷик дар осори нависанда ва ғайра изҳори назар кардааст.

Нигоҳи муаллиф дар ин боб оид ба мақоми қаҳрамонҳои осори нависанда ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Муҳаққиқ дар заминаи пажуҳиши ҷанбаҳои мавзӯии осори насрии индавраии адиб ба натиҷаву хулосаҳои мантиқӣ расидааст, ки ҳамагӣ қобили таваҷҷуҳанд.

Дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ диссертант ба натиҷае мерасад, ки нависанда қаҳрамонҳои романи "Зуза" Шубон ва асари "Барзгар" Барзгар ҳар дуро бо мушкилоти ҷомеаи фурӯпошидаи бухронӣ ва ҷангзада рӯ ба рӯ месозад, ки дар он рӯзгор бар асари мушкилоти сиёсиву иҷтимои замон ахлоқи ҷомеа ба футур рафтаву қадру манзалати инсонҳо намондааст. Дар ин маврид ба назари муҳаққиқ миёни ин ду қаҳрамон фарқиятҳое ҷой доранд, агарчӣ ҳар ду дар ру ба рӯи як мушкилотанд. Барзгар дар пешорӯи муаммоҳои рӯзгори хеш оҷизу нотавон ва бечора тасвир мешавад, аммо Шубон ҳамеша устувору сабур ва мубориз буда, аз маҷмӯи ин мушкилот сарбаландона мебарояд. Назари қобили таваҷҷуҳи диссертант он аст, ки қаҳрамони асари "Зӯза" нисбат ба "Барзгар" устувору қавист ва ба ин хотир аз маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи замон раҳоӣ меёбад.

Боби дуюми диссертатсия "Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол" номгузорӣ шуда, фарогирӣ се фасл мебошад.

Дар ин боб тасвири ҷойгоҳи шахсиятҳои таърихӣ дар қиссаи “Спитамен”, романи “Ниёз-кончӣ”, асари “Туғрал” романи сегонаи “Зарафшон” ва дигар осори нависанда дар алоҳидагӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Бо таҳқиқу таҳлили вежагиҳои ин осор муҳаққиқ ба саҳми Сорбон дар инкишофи насри таърихӣ таъкид мекунад, ки воқеан муҳим ва густарда аст.

Боби сеюм фарогири “Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав” номгузорӣ шуда, муаллиф нависандаро ҳамчун мубтакирони жанри ҳикоя дар давраи истиқлол муаррифӣ кардааст, ки ба мазмун ва мундариҷаи ин навъи хурди адабӣ осори насрӣ ба он таровату тозагиҳои хосе бахшидааст. Дар ин қисмати автореферат ҳикоя ва резаҳикояҳои нависанда, ҳунари нигорандагӣ, услуби вежаи муайян ва тасвири характерҳои бузург дар осори Сорбон ба доираи таҳқиқ кашидааст.

Дар маҷмуъ, аз автореферати диссертант маълум мешавад, ки кори таҳқиқотии вай аз арзишҳои муҳими илмӣ бархурдор буда, дар пояи талаботи таълифи пажуҳишотӣ илмӣ ба қалам омадааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд.

1. Ба назари мо, барои боз ҳам такмил ёфтани арзишу аҳамияти диссертатсия хуб мешуд, ки шеваи нигориши Сорбон бо асарҳои дигар нависандагони ин давра муқоиса ва таҳлилу баррасӣ гардад.
2. Дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникиву имлоӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст.

Дар маҷмуъ, дар асоси автореферати диссертатсия метавон ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна **дар мавзӯи “Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон”** ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси мазкур мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти муосири
тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Раҷабов Боҳир
«29» августи соли 2024

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 27,
хонаи 8, ҳуҷраи 8
Тел: (+992) 93-780-05-24
E-mail: bohir-1988@mail.ru

Имзои Б.М. Раҷабов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ҳусейнова З.С.
«29» августи соли 2024

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.